## *ТАҚРИЗИ*

***муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология***

***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият ва таърихи психология, аз ҷумла ба банди 15 «Интиқоли ҳолати эмотсионалӣ. Ташхиси ҳолати эмотсионалӣ. Ташхиси ҳолати аффект. Бошиддатии эмотсионалӣ, фрустратсия, стресс. Аксуламал ба фрустратсия. Психологияи ҳиссиёт. Психологияи азсаргузарониҳои таассуротҳо» мувофиқат мекунад.

***Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда*** дар он зоҳир мешавад, ки омилҳои паҳншавии талоқ дар байни оилаҳои тоҷик дар шароити муосири иҷтимоӣ бо сабабҳои гуногун вобаста аст, ки зарурати гузаронидани тадқиқоти махсуси мақсадноки психологиро ба миён меорад. Воқеияти муосир дар ҳаёти инсон бо мавҷудияти тағйироти бунёдӣ ва зудтағйирёбанда хос аст. Яке аз вазифаҳои муҳимми ҷомеаи муосир таъсиси ҷомеаи нав мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, рушди тамоми асосҳои ҷомеа зарур аст, зеро оила рукни асосии ҷомеа ба ҳисоб меравад ва имрӯз ба барқарорсозии психологӣ ниёз дорад.

Ҳамзамон, масъалаи мазкур доимо зери таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор дорад ва бахри пешгирии ҷудошавии оилаҳои ҷавон чораҳои зарурӣ ва саривақтӣ андешида мешаванд. Масалан, бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешгирии пошхӯрии оилаҳо чунин санадҳои меъёриву ҳуқуқии зерин қабул гардиданд: “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти таълиму тарбияи

кӯдак” ва “Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки дар навбати худ далолаткунанда ва нишондиҳандаи гуфтаҳои мазкур мебошанд.

Дар доираи психологияи муосир, самти муҳимми таҳқиқоти илмӣ таҳлили ҳолатҳои эмотсионалӣ мебошад, зеро функсияи муттаҳидкунандаи онҳо нигоҳ доштани тамомияти психикаро таъмин мекунад ва ташаккули сохтори шахсиятро муайян мекунад, ки маҷмуи хосиятҳои психикӣ, раванд, ҳолатҳо ва хусусияти робитаҳои байниҳамдигарии онҳоро дар бар мегирад. Дар ҷанбаи амалӣ, омӯзиши ҳолатҳои руҳӣ аз таъсири назарраси онҳо ба самаранокии фаъолияти шахс дар заминаҳои гуногуни ҳаёт вобаста аст.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*** Навгониҳои илмии диссертатсия мазкур дар нуқтаҳои зерин ифода мeёбад: дар шароити Тоҷикистон бори нахуст аз ҷиҳати эмпирикӣ таъсири манфии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон ошкор гардид; таҳлили тафриқавии хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра гузаронида шуд; алоқамандии (таносуб) фаҳмиши худи тарбия аз ҷониби наврасон ва хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон муайян гардид; таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои нопурра вобаста ба хусусиятҳои гендерӣ муайян гардид.

**Унвонҷӯй нуктаҳои зеринро барои дифо пешниҳод менамояд:**

1. Хусусиятҳои тарбияи кӯдак дар оилаи нопурра омили таъсиррасони манфии бардавом буда, боиси зоҳиршавии эмотсияҳои номувофиқ ва манфӣ мегардад.

2. Моҳият ва хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои ҷудошуда хусусияти миқдорӣ ва сифатӣ доранд, ки ин яке аз тафовут аз наврасони оилаҳои нисбатан пурраро нишон медиҳад.

3. Ба наврасписарони оилаҳои нопурра дараҷаи пасти муқовимат ба стресс, майл ба худайбдоркунӣ, зоҳиршавии агрессияи ботинии пӯшида (аутоагрессия), изтироби баланд ва ҳолати фрустратсионӣ нисбат ба ояндаи

худ хос мебошад. Онҳо дар муносибатҳои байнишахсӣ бо муҳити иҷтимоии худ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

4. Наврасдухтарони оилаҳои нопурра бо бартарияти навъҳои фаъоли агрессия, ҳолати ҳаяҷони доимӣ, шиддати ботинӣ, инчунин ҳодисаҳои номусоиди эмотсионалӣ дар ҳолатҳои таълимӣ фарқ мекунанд. Онҳо ба қонеъ кардани талаботҳои вазъият диққати аз ҳад зиёд медиҳанд ва ҳангоми кӯшиши ҳалли вазъиятҳои душвор барои кумак ба дигарон муроҷиат намекунанд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.*** Унвонҷӯ бо дарназардошти асосҳои методологӣ-бунёдӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот, баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо мавриди ҳаллуфасли ҷиддӣ қарор додааст. Аз нигоҳи ӯ эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои бадастомада ба туфайли коркарди омории додаҳо, натиҷаҳои ташхис бо истифода аз бастаи барномаи таъминотии “SPSS 13.0” таъмин гардидаанд. Барои коркард намудани маълумотҳои эмпирикӣ методҳои муосири омори математикӣ ба монанди: муқоисаи арзишҳои миёна бо истифода аз t-test Student, коррелятсия ва ҳамчунин таҳлили омилҳо истифода гардидаанд.

***Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Диссертатсия аз муқаддима, се боб (9 зербоб), хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 24 ҷадвал ва 12 диаграммаро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии кор аз 171 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

***Дар муқаддимаи диссертатсия*** дар асоси мубрамияти мавзуи интихобгардида мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет (мавзу)-и таҳқиқ, тавсифи асосҳои илмӣ ва методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастоварда муқаррар карда шудаанд.

***Дар боби якуми диссертатсия*** ҷанбаҳои психологии таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон аз ҷиҳати назариявӣ таҳқиқ шудааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал хусусиятҳои психофизиологӣ дар синни наврасӣ тавсиф дода шудаанд. Ба андешаи унвонҷӯ зинаи синнусолӣ наврасӣ дар адабиёти психологӣ «давраи

гузариш» ва давраи «пойдоргардии ҳаёти инсонӣ» ба қалам дода мешавад. Гарчанде дар ин синну сол организми наврасон аз ҷиҳати зоҳирӣ ба калонсолон хеле монанд шавад ҳам, бо вуҷуди ин дар байни онҳо тафовути куллӣ мавҷуд аст. Дар зербоби дуюм хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Ва дар зербоби сеюм унвонҷӯ талоқро ҳамчун падидаи иҷтимоию психологӣ баррасӣ намудааст.

Дар боби мазкур мафҳумҳои асосии дар таҳқиққот истифодашуда муайян карда шуда, принсипҳои психологӣ ва шароитҳои психологӣ-педагогии мусоидаткунанда ба ҷанбаҳои психологии таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон асоснок карда шудаанд. Маводи мазкур дар навбати худ ҳамчун заминаи назариявӣ-методологӣ барои таҳияи амсила ва барномаи роҳнамоӣ хизмат мекунанд.

**Боби дуюми** рисолаи илмии Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил таҳти унвони «Тавсифи методҳои озмоишӣ ва ташкил кардани таҳқиқот» ба масъалаҳои муҳими методологӣ ва ташкили раванди таҳқиқоти эмпирикӣ бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф бо тартиби мантиқӣ ва пайдарпай методҳои истифодашуда ва хусусиятҳои ташкил намудани таҳқиқотро шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Дар зербоби аввали боби мазкур тавсифи гурӯҳи интихобшудаи озмудашавандагон ва усулҳои асосии таҳқиқотӣ пешниҳод гардидааст. Аз рӯйи маълумоти овардашуда, дар таҳқиқот 135 нафар наврасон иштирок намуда, бо онҳо ташхиси психологӣ гузаронида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳолатҳои психоэмотсионалии наврасонро дар шароити фаъолияти гурӯҳӣ ва раванди машғулиятҳои таълимӣ ошкор намояд. Ҳамзамон, натиҷаҳои мушоҳидаи дарозмуддати рафтори наврасон дар машғулиятҳои гурӯҳӣ, ки дар доираи барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе амалӣ гардидаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ин равиш ба таҳқиқот хусусияти мукаммал ва боэътимод мебахшад.

Зербоби дуюми боби дуюм ба тавсифи муфассали методҳои дар таҳқиқот истифодашуда бахшида шудааст. Бо мақсади ноил шудан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, муаллиф аз маҷмӯи методҳои муосири психологӣ истифода бурдааст, ки ба мазмун ва самти таҳқиқот мутобиқат доранд. Аз ҷумла, дар раванди таҳқиқот методҳои суҳбати психологӣ ва мушоҳидаи психологӣ истифода шудаанд, ки барои дарки амиқи хусусиятҳои инфиродии наврасон замина фароҳам меоранд.

Ҳамчунин, анкета ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими ҷамъоварии маълумот мавриди истифода қарор гирифтааст. Анкетаи таҳиянамудаи муаллиф аз 10 савол иборат буда, ба гирифтани маълумоти ибтидоӣ дар бораи наврасон нигаронида шудааст. Барои ташхиси амиқтари хусусиятҳои равонӣ, як қатор методикаҳои маъруфи психологӣ, аз қабили саволномаи агрессияи Басс-Дарки, методикаи проективии С. Розенсвейг, шкалаи ноумедии Бек, тести изтироби мактабии Филлипс ва саволномаи «Наврасон дар бораи волидон» истифода гардидаанд. Ин интихоби методҳо имкон медиҳад, ки паҳлӯҳои гуногуни ҳолати равонӣ ва муносибатҳои иҷтимоии наврасон ҳамаҷониба таҳлил карда шаванд.

Илова бар ин, дар таҳқиқот методи баҳодиҳии экспертӣ низ истифода шудааст, ки дар он 7 нафар омӯзгор роҳбарони синфҳо ҳамчун коршиносон иштирок намудаанд. Баҳогузории онҳо дар асоси ҷадвали махсуси таҳияшуда амалӣ гардидааст. Барои коркарди омории натиҷаҳои бадастомада бошад, аз бастаи барномаҳои оморӣ-компютерии SPSS истифода бурда шудааст, ки ин ба баланд бардоштани дақиқӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, боби дуюми рисола бо истифодаи дурусти методҳои илмӣ ва асоснокии методологӣ фарқ намуда, заминаи боэътимодро барои таҳлили натиҷаҳои минбаъдаи таҳқиқот фароҳам меорад.

**Боби сеюми** диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил таҳти унвони «Таҳқиқи эмпирикии таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои

эмотсионалии наврасон» марҳилаи асосии амалии таҳқиқотро фаро гирифта, ба таҳлили амиқи натиҷаҳои эмпирикӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои гендерии таъсири талоқ ба ҳолатҳои эмотсионалии наврасон бахшида шудааст, муаллиф бо истифода аз методи таҳлили омилҳо сохтори ҳолатҳои эмотсионалии наврасонро дар оилаҳои пурра ва нопурра муайян намудааст. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои эмотсионалии наврасписарон ба якчанд ҷанбаҳои сохторӣ ҷудо гардида, ҳар яке хусусиятҳои муайяни равониро инъикос менамояд.

Аз ҷумла, ҷудо намудани омилҳое чун «бепарвоӣ», «изтироби иҷтимоӣ», «ташаббускории иҷтимоӣ», «конформнокӣ» ва «конформнокии иҷтимоӣ» аз ҷониби муаллиф гувоҳи он аст, ки таҳқиқот бо истифода аз усулҳои муосири оморӣ анҷом дода шуда, имконияти ошкор намудани робитаҳои пинҳонии байни нишондиҳандаҳои эмотсионалиро фароҳам овардааст.

Зербоби дуюми боби сеюм ба таҳлили коррелятсионии робитаи байниҳамдигарии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон бахшида шудааст. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки миёни як қатор нишондиҳандаҳои эмотсионалӣ вобастагиҳои оморӣ мавҷуданд. Аз ҷумла, майл ба ҳисси гунаҳкорӣ бо паст гардидани устувории эмотсионалӣ ва мустақилият, инчунин бо афзоиши ноором̣ӣ, вобастагӣ ва эҳтиёҷ ба дастгирии иҷтимоӣ алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, сатҳи фрустратсия бо ноустувории эмотсионалӣ ва изтироб робитаи мусбат нишон медиҳад.

Муаллиф инчунин робитаи хусусиятҳои тарбияи оилавӣ бо ҳолатҳои эмотсионалии наврасдухтаронро муайян намудааст. Аз ҷумла, рафтори номувофиқи модар метавонад боиси афзоиши тарс аз вазъиятҳои санҷиши дониш ва мушкилот дар муносибат бо омӯзгорон гардад, ки ин ҷиҳат аҳаммияти амалӣ ва тарбиявии натиҷаҳои таҳқиқотро баланд менамояд.

Дар зербоби сеюми боби мазкур таъсири талоқ ба рушди соҳаи эмотсионалии наврасон мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар наврасписарон аз оилаҳои

ҷудошуда дараҷаи баъзе шаклҳои агрессия, аз ҷумла мутаассиршавандагӣ ва негативизм, нисбатан баландтар мебошад, аммо онҳо ба зоҳир намудани агрессияи ошкоро камтар майл доранд. Ин хулосаҳо бо маълумоти мушоҳидаҳои дарозмуддат ва баҳодиҳии коршиносон тасдиқ карда мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада тавассути истифодаи методикаҳои гуногуни ташхисӣ, аз ҷумла саволномаи Басс-Дарки, тести проективии С. Розенсвейг, тести изтироби мактабии Филлипс ва шкалаи ноумедии Бек, тасдиқи худро ёфтаанд, ки ин ба эътимоднокӣ ва асоснокии илмии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмӯъ, боби сеюми диссертатсия бо сатҳи баланди таҳлили оморӣ, асоснокии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ фарқ намуда, натиҷаҳои бадастомада барои фаҳмиши амиқи таъсири талоқ ба рушди эмотсионалии наврасон саҳми арзанда мегузоранд.

***Хулоса аз 2 банд иборат буда, чунин нуктаҳоро дарбар мегирад:***

1. Дар давраи наврасӣ муҳит, вазъи оилавӣ ва шавқу ҳавасҳо хусусияти амалисозии оянда, дарки дурнамои ҳаёти хеш ва ниятҳои касбии шахсияти наврасро муайян мекунанд.

2. Ҷудошавии волидон дар тамоми ҳаётиояндаи наврас, инчунин дар ҳолати психологию эмотсионалии ӯ осори ҷуброннопазир мегузорад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои эмпирикии аз рисолаи илмӣ ҳосилгардида хусусан ба махсусиятҳои падид омадани ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар натиҷаи таъсири талоқ мутаносиб мебошад. Дар баробари ин, бархе мушкилоти модари танҳоро низ фаро мегирад, ки барои корҳои роҳнамоии психологӣ, психотерапия, машварати психологии аъзоёни оила бо мақсади баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии наврасону модари танҳо манфиатовар арзёбӣ мегардад.

***Аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқот.*** Аҳаммияти назариявии кор дар он аст, ки ҷанбаи муқоисавии омӯзиши ин масъала имкон медиҳад, ки таъсири талоқ ба хусусиятҳои зуҳуроти ҳолати эмотсионалии наврасон дар оилаҳои пурра ва нопурра муайян карда шавад.

**Аҳаммияти амалии ин тадқиқот дар ин аст:**

- фаҳмидани хусусиятҳои рушди насли наврас дар оилаи нопурра;

-ба назар гирифтани хусусиятҳои гендерии зуҳуроти ҳолати эмотсионалии наврасони оилаҳои нопурра дар машварати психологӣ ҳамчун механизми психологии бартараф кардани ҳолатҳои номатлуби эмотсионалӣ;

-натиҷаҳои таҳқиқот барои машварати психологӣ-педагогӣ, психотерапевтӣ ва кори иҷтимоӣ бо наврасони оилаҳои ҷудошуда муфиданд ва инчунин метавонанд дар ташкили курсҳои махсус ва семинарҳо барои донишҷӯёни ихтисосҳои психология, ҷомеашиносон, кормандони иҷтимоӣ, психологияи педагогӣ ва психологияи иҷтимоӣ истифода шаванд.

***Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.*** Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи пажуҳишаш 8 мақоларо ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйиншуда чоп шудаанд. Ҳамзамон, дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳо зери унвони “Ҳолатҳои эмотсионалӣ ҳамчун зуҳуроти психологӣ”, “Хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон” ва “Исторический взгляд на использование психологических знаний в области семейных отношений» иштирок ва баромад намудааст. Ин аз фаъолии баланди илмӣ ва кори муназзам аз болои мавзуи таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории рисолаи илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология сазовор мебошад.

**Автореферати** рисолаи илмӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №

267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва тасвирҳо таъминаст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

**Дар баробари баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиву норасоиҳо ва ғалатҳои имлоиву грамматикӣ мушоҳида мегардад, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо кард:**

1. Дар боби якуми диссертатсия таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили назарияҳои муҳаққиқони хориҷӣ равона гардидааст, дар ҳоле ки имкони истифодаи фаровонтари сарчашмаҳои илмии ватанӣ пурра истифода нашудааст. Хуб мебуд, агар доираи манбаъҳои миллӣ васеътар ҷалб мегардид.

2. Ҷадвалҳо ва расмҳо пурра шарҳ дода нашудаанд, ки ин маънои онҳоро барои хонанда маҳдуд мекунад. Пешниҳод мешавад, ки ҳамаи ҷадвалҳо ва расмҳо бо тавзеҳоти муфассал ва шарҳи ихтисорӣ пурра гарданд ва аз такрори маълумот дар шарҳҳо пешгирӣ шавад.

3. Дар хулосаи умумӣ иртиботи мантиқии байни фарзияҳои пешниҳодшуда ва натиҷаҳои бадастомада бо далелҳои эмпирикӣ ба таври кофӣ асоснок нагардидааст. Хуб мебуд, агар хулосаҳо бо такя ба далелҳои таҷрибавӣ ва нишон додани робитаҳои эмпирикӣ такмил дода мешуданд.

4. Дар диссертатсия ва автореферати он баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ, инчунин риоя нашудани баъзе меъёрҳои қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд. Хуб мебуд, агар матн аз лиҳози забонӣ ва техникӣ бозбинӣ ва ислоҳ карда мешуд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқотии Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Дар ҳаллу фасли вазифаи мавриди назар, диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии мавҷуда дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо ба таври бояду шояд анҷом додааст.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ-методологӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои илмии таҳқиқотро пурра ҳаллу фасл намудааст. Натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои пешниҳодшуда мантиқан асоснок буда, фарзияҳои пешбинишудаи таҳқиқот тасдиқи илмии худро ёфтаанд.

3. Диссертатсияи мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд дар амалияи равоншиносӣ, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва машваратҳои психологӣ барои кор бо наврасони аз оилаҳои нопурра васеъ истифода гарданд.

4. Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил дар мавзуи «**Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, ба талаботи Низомнома оид ба шӯроҳои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои психологӣ, дотсенти
кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б. Ғафуров" Зайтметов Ҳ.А.
"30" марти соли 2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Почтаи электронӣ: zaytmetovk@mail.ru
Тел: (+992) 92 991-11-03

Имзои Ҳ.А. Зайтметовро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Сайдуллозода З.С.**